ФАРМОИШИ
РАИСИ МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ «КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН»

аз «02» 02 соли 2026 № 54/шд ш. Душанбе

Дар бораи таъсиси шурои диссертатсионӣ

Мутобиқи сархати чордаҳуми банди 9 ва сархати чоруми банди 18 Низомномаи Муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 ноябри соли 2021, №270 ва бандҳои 15, 20, 21 ва 22 Низомномаи шурои диссертатсионӣ, ки бо қарори Хукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидаанд, фармоиш медиҳам:

1. Шурои диссертатсионӣ оид ба дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500-Филология (6D020502-Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) ва 6D021400-Адабиётшиносӣ (6D021401-Назарияи адабиёт ва сабкшиносӣ), инчунин барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм ва доктори илм аз рӯйи ихтисоси 6.2. Филология (6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ; 6.2.18. Назарияи адабиёт ва сабкшиносӣ) дар назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода таъсис дода шавад.

2. Ба шурои диссертатсионӣ ваколати баррасии диссертатсияҳо оид ба дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500-Филология (6D020502-Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) ва 6D021400-Адабиётшиносӣ (6D021401-Назарияи адабиёт ва сабкшиносӣ), инчунин барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм ва доктори илм аз рӯйи ихтисоси 6.2. Филология (6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ; 6.2.18. Назарияи адабиёт ва сабкшиносӣ) вогузор карда шавад.

3. Ҳайати шурои диссертатсионӣ мутобиқ ба ихтисосҳои амалкунанда тасдиқ карда шавад (замимаҳои 1 ва 2).

4. Рамзи шурои диссертатсионӣ 6D.КОА-118 муайян карда шуда, муҳлати фаъолияти он 2 (ду) сол муқаррар карда шавад.

5. Шуъбаи аттестатсионии илмҳои гуманитарӣ (Самариддин Ҷамол) вазифадор карда шавад, ки дар муҳлати то 10 рӯз, нусхаи фармоишро дар сомонаи Комиссия ҷойгир намояд.

6. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини раис Мумин Шарифзода вогузор карда шавад.

Асос: қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 январи соли 2026, №2

КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Раис Сайфиддин Давлатзода

НУСХА БА АСЛАШ БАРОБАР АСТ